**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

1. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ба ихтисоси илмӣ, ки аз руйи он ба Шурои диссертстсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳуқуқи қабул кардан дода шудааст мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб бо такя ба қонунгузории Тоҷикистон ва муқоисаи ҳуқуқии он ба қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, доктринаи ҳуқуқӣ, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва таҷрибаи судӣ ба омӯзиши муфассали шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти дар ин соҳа ҷойдошта бахшида шудааст. Шартномаи хариду фурӯши чакана аз аҳаммияти бузурги ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бархурдор буда, муҷиби гузариши молро аз фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад ба харидор истеъмолкунанда ба танзим медарорад. Харидорон ашёро тавасути бастани ин шартномаи хариду фурӯши чакана, пеш аз ҳама барои истеъмолоти шахсӣ, ба андозаи муайян харидорӣ карда, ҳамеша манфитдор мебошад, ки ашёи харидаашон босифат, ба ҳаёт ва саломатиаш бехатар бошад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ мебошад. Мубарамияти мавзуъ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошад, зеро шартномаи хариду фурӯши чакана намуди маъмултарини шартномаи хариду фурӯш ба ҳисоб рафта, меъёрҳои он ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дар рӯшди муттамадини савдо нақши муҳим мебозад. Зеро ба воситаи шартномаи хариду фурӯши чакана оммаи бузурги истеъмолкундагон ашёро барои мақсадҳои шахсӣ харидорӣ менамоянд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад. Дар рисола мафҳуми «шартномаи хариду фурӯши чакана» ва таносуби он бо дигар мафҳумҳои шабеҳ, дар иртибот бо қонунгузории ҶТ, мафҳум ва аломатҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана, унсурҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, аз ҷумла, тарафҳо, мавзуъ ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, шакл ин шартнома, мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана ва масъалаҳои

хариду фурӯши чакана оммаи бузурги истеъмолкундагон ашёро барои мақсадҳои шахсӣ харидорӣ менамоянд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад. Дар рисола мафҳуми «шартномаи хариду фурӯши чакана» ва таносуби он бо дигар мафҳумҳои шабеҳ, дар иртибот бо қонунгузории ҶТ, мафҳум ва аломатҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана, унсурҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, аз ҷумла, тарафҳо, мавзуъ ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, шакл ин шартнома, мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана ва масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқии мадании фурӯшанда тибқи шартномаи мазкур дар он мавриди пажуҳиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттетстаисонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳлили мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқикот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таккикот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илми дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани

маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷуй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби у чопгардида, мавҷуд намебошад.

Комиссияи экспертӣ банди 60-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба инобат гирифта,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барон дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 60. КОА - 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Қодиров Шодмон Қодирович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касби “Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон”

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқӣ дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроағаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси коммиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сангинзода Д. Ш.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Имомзода Н.М.

дотсенти кафедраи хуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
аъзои комиссияи экспертӣ Қодирқулов Х. Р.

Имзоҳои Сангинзода Д.Ш., Имомзода Н. М.,
ва Қодирқулов Х. -ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
/Сардори Раёсати кадрҳо
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
"15" 10 соли 2025